**Стратегияи ҳамкории Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2026–2031**
**Хулосаи машваратҳо бо намояндагони бахши хусусӣ**
**15 декабри соли 2025**
**Меҳмонхонаи Краун Плаза Душанбе**

Машваратҳо оид ба Стратегияи ҳамкории Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2026–2031, ки аз ҷониби Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуд, бо 33 намояндаи бахши хусусӣ 15 декабри соли 2025 баргузор гардиданд (нигаред ба Замима).

**<u>Масъалаҳои асосии баррасишуда:</u>**

**Идоракунӣ, фазои меъёрии ҳуқуқӣ, дастрасӣ ба маблағҳои молиявӣ ва муколамаи давлат бо бахши хусусӣ**

- Иштирокчиён диққатро ба зарурати таъмин намудани пешгӯишавӣ ва адолат дар муҳити тиҷоратии Тоҷикистон равона сохтанд ва ин мавзӯъ дар давоми тамоми муҳокимаҳо ба таври хоса баррасӣ гардид. Баъзе аз иштирокчиён қайд намуданд, ки татбиқи номунтазами қонунгузории андоз, гумрук ва иҷозатномадиҳӣ, аз ҷумла муноситаби нобаробар ба минтақаҳои мухталиф ва татбиқи худсаронаи қоидаҳо эътимоди сармоягузоронро коҳиш медиҳад ва монеи воруди сармоягузориҳои ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ мегардад. Чунин норасоии ҳамоҳангӣ боиси ба миён омадани номуайянӣ гашта, банақшагирии фаъолияти корхонаҳоро мушкил месозад, раванди вусъатёбии онҳоро бозмедорад ва дар баъзе маврид нобовариро байни бахши хусусӣ ва мақомоти танзимкунанда тақвият медиҳад.
- Иштирокчиён инчунин масъалаҳои марбут ба мониторинг ва арзёбии лоиҳаҳо, бахусус лоиҳаҳои аз ҷониби Бонк дар бахши сайёҳӣ ва хизматрасонӣ маблағгузоришавандаро матраҳ намуданд. Онҳо дар мавриди он ки оё лоиҳаҳои амалигардида дар ин соҳаҳо ба тағйиротҳои назаррас дар ҳаёти ҷамоаҳои маҳаллӣ оварда расониданд ё на таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва таъкид карданд, ки пайгирии натиҷаҳо барои намоиш додани таъсир муҳим мебошад.
- Намояндагон таъкид карданд, ки нисбат ба дигар кишварҳои ҳамсоя раванди таъсисдиҳии корхона дар Тоҷикистон вақти зиёдро талаб мекунад. Ғайр аз ин, расмиёти таъсисдиҳии корхона ва бастани он тӯлонӣ ва серхарҷ буда, аксари вақт барои анҷомдиҳии онҳо то 1,5 солро тақозо мекунанд. Чунин муҳлатҳои тӯлонӣ имкониятҳоро барои сармоягузории дубора маҳдуд мекунанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ халал мерасонанд. Барои бартарафсозии ин монеаҳо иштирокчиён ба эҷоди раванди самараноктар ва шаффофтар даъват намуданд.
- Иштирокчиён тақвиятдиҳии муколама байни давлат ва бахши хусусиро баҳри таъмини машваратҳои ҳамаҷониба ҷиҳати қабули қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти фикру андешаҳои намояндагони бахшҳо, ҷонибдорӣ карданд. Онҳо лоиҳаи қонун дар бораи машваратҳои давлат бо бахши хусусӣ аз соли 2008-ро, ки ҳеҷ гоҳ амалӣ нашуд, зикр намуданд.

- Нигарониҳо дар мавриди коррупсия ва назорат аз болои истифодаи маблағҳои грантии ГБҶ ва инчунин таъмини истифодаи мақсадноки маблағҳо қайд карда шуданд.
- Якчанд иштирокчӣ мушкилиҳои марбут бо дастрасӣ ба маблағгузорӣ, ки бо шароитҳои идоракунӣ алоқаманданд, қайд намуданд. Иштирокчиён гузориш доданд, ки КХМ бо меъёрҳои фоизии ғайри қобили қабул баланд ва талаботи қатъӣ нисбати пешниҳоди гарав рӯ ба рӯ мешаванд ва ин омил афзоиши соҳибкориро бахусус дар манотиқи деҳот бозмедорад.
- Пешниҳодҳо дар бораи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо дар қонун нисбати муомилоти накдӣ (масалан ≥10 000 сомонӣ, тавассути каналҳои бонкӣ коркардшуда) бо мақсади баланд бардоштани шаффофият, беҳтар намудани риояи қонунгузории андоз ва таъмини рақобати одилона баён шуданд.
- Тарафҳои манфиатдор ба сиёсати озодкунӣ аз андоз аз арзиши иловагӣ (ААИ) таваҷҷуҳ намуданд ва таъкид карданд, ки айни замон озодкунӣ аз пардохти ин андоз асосан барои таҷҳизоти истифодабарандаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза пешбинӣ мешавад. Бо дастгирӣ намудани гузариши устувор онҳо васеъкунии рӯйхати имтиёзҳои андозиро барои фаро гирифтани доираи васеътари мошинолот ва таҷҳизоти муосир, бахусус барои соҳаи кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва муосиркунонии саноат бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва рақобатпазирӣ ва дар баробари ин нигоҳ доштани чораҳои ҳавасмандгардонӣ барои технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, тавсия намуданд.
- Иштирокчиён ба ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар самти моликият ва заминистифодабарӣ бо мақсади ташаккули низоми ягона ва шаффоф барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ низ даъват карданд.
- Таҳкими Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳибкорӣ, ҳалли муаммои коҳишёбии сатҳи фаъолият ва имконииятҳои маҳдуди баъзе намояндагони бахши хусусӣ дар мавриди иштироки пурра дар равандҳои таҳияи сиёсат баён шуданд.

**Сармояи инсонӣ, соҳаи маориф, шуғл ва ҳаракатпазирии қувваи корӣ**

- Боз як мавзӯи муҳимми матраҳшуда сармояи инсонӣ – сифати қувваи кории Тоҷикистон ва робитаи он бо маҳсулнокӣ ва рақобатпазирӣ буд. Аксари иштирокчиён дар бораи коҳиши назарраси сифати таълим ва инчуни дар бораи тафовути афзоянда байни барномаҳои таълимии мактаб ва малакаҳои дар бахшҳо босуръат ривоҷёбанда ба монанди сайёҳӣ, ТИК, логистика, истеҳсолот ва соҳаи кишоварзӣ сухан гуфтанд.
- Онҳо таъкид намуданд, ки рушди сармояи инсонӣ ва соҳаи маориф дар Тоҷикистон аҳамияти ҳалкунанда дорад ва зарурати дастгириро аз ҷониби Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ бо мақсади таҳкими низоми маориф қайд карданд.
- Намояндагон ба норасоии мутахассисони баландихтисос, ки таъсисдиҳии ҷойҳои кории нав ва вусъатдиҳии шуғлро бозмедорад, таваҷҷуҳ намуданд. Маоши паст бахусус дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф мутахассисони баландихтисосро водор месозад дар хориҷӣ кишвар ё дар ташкилотҳои донор имкониятҳои шуғл ҷӯянд.
- Уҳдадории ихтиёрии корхонаҳо дар саҳмгузорӣ ба ноилшавии ҳадафҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодӣ, яъне уҳдадории иҷтимоии корпоративӣ ҳамчун воситаи арзишманди таҳкими рушди сармояи инсонӣ қайд гардид ва даъват карда шуд, ки имтиёзҳои андозӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои бахши хусусӣ дар соҳаи маориф, омӯзиши касбӣ ва барномаҳои таъмини баробарии гендерӣ, ҷорӣ карда шаванд.

- Тарафҳои манфиатдор камбудиҳоро дар низоми тандурустӣ, ки ба маҳсулнокии меҳнат таъсири худро мерасонанд нишон доданд ва қайд карданд, ки ҳаракатпазирии қувваи корӣ байни минтақаҳо бо монеаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ маҳдуд аст.
- Иштирокчиён бозингарӣ намудани лоиҳаи қонун дар бораи шуғлро бо мақсади ҳалли муассиртари мушкилии норасоии кадрҳои баландихтисос, ҳаракатпазирӣ ва эҳтиёҷоти бахши хусусӣ, тавсия доданд.
- Аксари иштирокчиён таҳияи барномаи миллии содироти қуваи кории баландихтисосро бо мақсади омода кардани мутахассисон барои бозорҳои байналмилалӣ бо такя ба низоми шаҳодатномадиҳӣ ва аккредитатсия дастгирӣ намуданд.

**Рақамикунонӣ, тиҷорати электронӣ ва логистика**

- Таҳаввули рақамӣ, соддагардонии тиҷорату савдо ва навсозии инфрасохтор ҳамчун авлавиятҳои ба ҳам алоқаманд баррасӣ шуданд. Иштирокчиён зарурати рақамикунонии ҳамаҷонибаи равандҳои андозбандӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсияро бо мақсади коҳишдиҳии ваколатҳои ихтиёрӣ, ба ҳадди ақал расонидани ҳолатҳои таъхир ва аз байн бурдани имкониятҳои анҷом додани пардохтҳои ғайрирасмиро таъкид намуданд.
- Тарафҳои манфиатдор қайд кардан, ки парокандагии низомҳои логистикӣ ва мавҷуд набудани сертификатсияи ягонаи электронӣ барои савдои фаромарзӣ риояи талаботро суст мекунад ва хароҷотҳои амалиётиро афзоиш медиҳад.
- Норасоии инфрасохтор ва логистика, бахусус дар манотиқи деҳот ва дар нуқтаҳои убури марз зарфияти содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамгироии бозорҳои минтақавиро маҳдуд месозад.

**Инфрасохтор, гузариш ба иқтисоди сабз ва дастгирии соҳавӣ**

- Иштирокчиён инфрасохторол бевосита бо рақобатпазирӣ ва бо устувории экологӣ алоқаманд намуданд. Иштирокчиён қайд намуданд, ки таъминоти боэътимоди нерӯи барқ, иншооти муосири коммуналӣ ва инфрасохтори самараноки нақлиётӣ ва логистикӣ заминаи муҳимтарин барои таъмини рушди бахши хусусӣ маҳсуб меёбанд.
- Намояндагони бахши содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва меҳмондорӣ амаҳияти банақшагирии ҳамаҷонибаи инфрасохтор ва дастриии мақомоти маҳаллиро барои мутобиқат бо стандартҳои байналмилалии сифат ва вусъатдиҳии дастрасӣ ба бозор низ қайд карданд.
- Тарафҳои манфиатдор рушди инфрасохторро бо гузариш ба иқтисоди “сабз” алоқаманд намуда, ҳавасмандгардонии мақсаднокро ба монанди имтиёзҳои андозӣ ва субсидияҳо барои суръат бахшидани ҷорисозии технологияҳои “сабз” тавсия доданд.

**Ҳифзи тиҷорат, ҳалли баҳсҳо ва ҳамкории институтсионалӣ**

- Иштирокчиён қайд карданд, ки механизмҳои муассири миёнаравӣ ва арбитраж барои муҳофизати сармоягузориҳо ва ҳалли самарабахши баҳсҳои тиҷоратӣ ҳаётан муҳим мебошад. Айни замон корҳо барои барқарорсозии марказҳои миёнаравӣ ва таҳияи лоиҳаи қонун дар бораи миёнаравӣ идома доранд.

- Тарафҳои манфиатдор таъкид намуданд, ки ҳамкории зич бо палатаҳои савдо ва иштироки фаъоли ҳам корхонаҳои бузург ва ҳам корхонаҳои хурд барои таъмини хусусияти фарогир ва амалии ислоҳот аҳамият дорад.

**Нуктаҳои дигар:**

- Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) ҷонибдории афзалиятҳои барномаи CPF ва омодагии худро ба маблағгузории муштараки ташаббусҳо дар соҳаи инфрасохтор, рақобатпазирӣ, идоракунӣ ва нақши "бахши хусусии пешсаф" тасдиқ намуданд.
- Иштирокчиён бори дигар таъкид карданд, ки афзалиятҳои ислоҳот бояд танзими пешгӯишаванда, инфрасохтори муосири физикӣ, вариантҳои маблағгузории рақобатпазир ва тақвияти сармояи инсониро барои таъмини рушди устувори бахши хусусӣ дар бар гиранд.

**Замима:**

| **Шумораи иштирокчиён:** | **Ташкилотҳои иштироккунанда:** |
|---|---|
| **33 иштирокчӣ** | • АТМТ<br>• Алиф Бонк<br>• Ширкати тадиқоқтии М-Вектор Тоҷикистон<br>• Ассотсиатсияи тиҷорати электронӣ<br>• Ассотсиатсияи КХМ<br>• Ассотсиатсияи рушди рақамӣ<br>• ТоҷИнвест<br>• ҶС Аввалин<br>• Почтаи Аср<br>• ҶСК "Бонки Эсхата"<br>• 55 Group<br>• Ассотсиатсияи содироткунандагони меваҳои хушк<br>• Ассотсиатсияи рушди сайёҳии ҷамоабунёди Тоҷикистон (TATOS)<br>• ҶДДМ "Саёҳат Тревл"<br>• Иттиҳоди рушди бахши хусусӣ<br>• ҶДДМ Гуруҳи рушди АСТ<br>• АмЧам Тоҷикистон<br>• CASE<br>• ТГЭМ "Тоҷикгидроэлектромонтаж"<br>• Гуруҳи Z - Analytics<br>• Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Ширкати Ёвар<br>• Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи "Шивер Тоҷикистон"<br>• Кооперативи ғайритиҷоратии "Сароб"<br>• Ассотсиатсияи тарабхонаҳо ва хизматрасониҳо<br>• Ширкати мушовирии "Нексигол"<br>• Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) |

| | |
|---|---|
| | • Бонки Осиёгии рушд (БОР)<br>• ҶСК “ТоҷикСГЭМ”<br>• ҶДММ “Беҳруз Тауер”<br>• Глобал Линк Лоҷистикс<br>• Ассотсиатсияи миллии корхонаҳои хурд ва миёнаи ҶТ (НАНСБ)<br>• ECPAT — Шабакаи байналмилалии ҳифзи кӯдакон |